ПРОТОКОЛИ №7
маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз «_18_» декабри соли 2025 ш. Душанбе

Дар маҷлис иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар

Раиси шуро: д.и.к., профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 25.04.2025, №175/шд, тасдиқ гардида, 16 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ д.и.к., Қодиров Қобилҷон Ғафурович ва аъзои комиссия д.и.к., профессор Кахаров К.Х., н.и.к.,дотсент Рашидова М.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа

(PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, шунида баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи «Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии ҷанубии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Сафарзода Шералӣ Ҷӯра - доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, ҳамоҳангсози компоненти 1, Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ»;

- Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович - номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, дотсенти кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

3.Ба сифати муассисаи пешбар **Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** таъин гардад.

4.Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. **Таърихи баргузории ҳимоя** 28.02.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қонибдорӣ гардид**.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.к., профессор Маҳмадёрзода У.М.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.к., дотсент Боймуродов Р.Б.

Имзои Маҳмадёрзода У.М. ва Боймуродов Р.Б.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.